**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17).**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ашуров Фирӯз Маҳмадалиевич дар мавзӯи «Таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051200 – Омор**

Чи тавре, ки ба ҳамагон маълум аст 73% аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар деҳот истиқомат доранд ва маҳз барои ҳамин сатҳи зиндагии аҳоии мамлакат аз сатҳи зиндагии аҳолии деҳот вобастагии зич дорад. Бо дар назардошти ҳамин мавзӯи тадқиқоти илмии диссертатсия, яъне “Таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот” басо ҳам актуалӣ мебошад.

Дар кории илмии унвонҷӯ вобастагии динамикаи аҳолии деҳот ва таркиби даромади хонаводаҳои деҳот ба як узви хонавода ба таври муфассал иникоси худро ёфтааст. Дар ин раванд гурӯҳбандии аҳолӣ аз рӯи андозаи даромадҳои пулӣ хело бо маврид мебошад. Дар тадқиқот коэффисенти Ҷинӣ ва Лоренс истифода карда шуда, диаграммаи хуби дифференсиатсияи каҷхатаи Лоренс пайдо карда шудааст, ки дар он тафриқаи зиёди дар сатҳи даромадҳои аҳолии деҳот дида намешавад ва ин каҷхатта аз тақсимотӣ баробарандоза дар масофаи чандон дур ҷойгир нашудааст. Ҳамзамон дар таҳлии илмӣ истифодаи нишондодҳои омории маҳалҳо хело ба мақсад мувофиқ мебошад.

Аз автореферат дида мешавад, ки дар мавриди омӯзиш ва таҳлии омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот коэффисиенти нахустин ва охирон: тафриқаи даромадҳои детсилҳои якум ва нӯҳум ҷудо карда шуда дар натиҷаи таҳлили онҳо таносуби камтарин ва зиёдтарин сатҳи даромади аҳолии деҳот ба даст оварда шудааст, ки ин тасдиқи амалии натиҷаҳои назариявӣ татқиқот мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқи унвонҷӯ ошкор намуда аст, ки тамоюли мунтазами зиёд гардидани ҳиссаи аҳолии даромади бештардошта ҷой дорад ва ин ҳолат ба сатҳи камбизоатӣ ва қашшоқӣ бе таъсир намемонад. Аз ҷониби муаллиф, мақсади банизомдарории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот дар асоси маълумотҳои умумӣ оид ба тамоми ҷумҳурӣ таҳлили ҷузъи гузаронида шуда дар заминаи он қимати нишондиҳандаҳои омилӣ, барои таҳлили сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ҳисоб карда шудааст, ки дар ин асос модели хуби барои муайян

намудани қиммати коэффитсиентҳои корреляиатсия ва дитерминатсияи сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳисоб карда шудааст.

Умуман, муаллиф тадқиқоти илмиро бо риояи ҳамаи талаботҳои иҷроиши он ба итмом расонидааст, ки он дорои аҳамияти илмӣ мебошад.

Бо баробари ҷамбаҳои мусбии татқиқоти илмӣ, якчанд камбудиҳои зерин дида мешаванд:

1. Мутаассифона дар кор таъсири дараҷаи саводнокии молиявии аҳолии деҳот ба даромади хонаводаҳои он инъикоси худро наёфтааст.
2. Дар тадбиқи моделҳои оморию риёзӣ танҳо модели регрессияи бисёромила истифода бурда шудааст. Хуб мешуд, ки дар ин ҷода моделҳои гуногуни риёзӣ истифода бурда шуда таҳлили самаранокии моделҳо оварда мешуд.
3. Дар ҷадвалҳои оварда шуда нишондиҳандаҳои омори барои соли 2019 дида намешаванд, зеро, ки афзоиши солонаи аҳоли мамлакат дар соли 2018-2019 хело ҳам баланд буд.

Камбуди ва норасоиҳои овардашуда характери тавсиявӣ дошта, моҳияти илмӣ-амалии тадқиқотро паст намегардонанд.

Автореферати диссертатсияи Ашуров Фирӯз Маҳмадалиевич дар мавзӯи «Таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051200 – Омор, пешниҳод шудааст ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Тақриздиҳанда: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ризоқулов Т.Р.**

**Имзои Ризоқулов Т.Р. - ро тасдиқ мекунам, Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Саидов П.А.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**73 шаҳри. Худҷанд, маҳалаи 17, бинои 1**
**Тел: (+9923422) 25170, 23811**